**Ба Шӯрои диссертатсионии 6 D. КОА- 002-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17)**

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Мирзоев Субҳоналӣ Аҳтамҷонович доир ба мавзӯи «Танзими шартномавии таъмини барқ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03. - ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ)**

Мавзӯи "Танзими шартномавии таъмини барқ" дар замони муосир ниҳоят актуалӣ мебошад. Зеро, яке аз мақсадҳои стратегии кишвар маҳз таъмини истиқлолияти энергетикӣ мебошад, ки бе таъмини асосҳои ҳуқуқӣ амалӣ шудани чунин мақсад душвор аст. Танзими шартномавӣ талаботи иқтисоди бозорӣ буда, дар соҳаи энергетика нақши муҳим дорад.

Аз мазмуни автореферат чунин бармеояд, ки муаллиф нақшаи корро хуб тарҳрезӣ намуда, тибқи он таҳлилро анҷом додааст. диссертатсия аз 3 боб ва 7 зербоб иборат мебошад. Дар боби аввал нерӯи барқ ҳамчун объекти ҳуқуқи гражданӣ таҳлил гаштааст. Инчунин, муаллиф сарчашмаҳои танзими ҳуқуқии таъмини нерӯи барқро таҳлил кардааст. Дар боби дуввум худи шартномаи таъимни нерӯи барқ, хусусан мафҳум, тарафҳо, шартҳо, тартиби бастан ва мазмуни шартномаи таъмини нерӯи барқ таҳлил гардидааст. Дар боби сеюм бошад муаллиф ба масъалаи ҷавобгарии тарафҳо дар доираи муносибатҳои шартномавӣ аҳамият дода, асосҳо, шартҳо ва шаклҳои ҷавобгариро дар ин самт баррасӣ намудааст.

Гуфтаҳои боло ба мо имкон медиҳанд, ки таҳқиқоти илмии анҷомдодаи мавзӯи номбаршударо аз ҷониби Мирзоев С. А., барои илми ҳуқуқи граждании кишварамон муҳим, саривақтӣ ва мубрам арзёбӣ намоем.

Дар автореферати диссертатсия мубрамияти мавзӯи таҳқиқот асоснок карда шуда, дараҷаи омӯзиши мавзӯи таҳқиқот, объект ва предмети мавзӯи таҳқиқот, мақсад ва вазифаҳои он, асосҳои методологӣ, асосҳои назариявии таҳқиқот ва меъёрӣ, навгонии илмӣ ва нуктаҳои илмии ба ҳимоя манзуршаванда, аҳамияти назариявӣ ва амалии диссертатсия муайян карда шуда, оид ба саҳми шахсии довталаб, тасвиби натиҷаҳои таҳқиқот, сохтор ва ҳаҷми диссертатсия ба таври зарурӣ

муқаррарот пешбинӣ гардидааст. Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар 23 мақолаи илмии муаллиф инъикос гардидааст, ки аз ин шумора 5 адади он дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии Вазорати илм ва таҳсилоти олии ФР ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсиядиҳанда ба табъ расидаанд. Ҳатто муаллиф ҷиҳати такмили моддаҳои 140, 570 ва 579 КГ ҶТ ба Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсияҳои мушаххасро дар шакли хаттӣ (мактуб аз 19 апрели соли 2017, №120/16) ирсол намудааст.

Навгониҳои илмии муаллиф, ки барои ҳимоя пешниҳод шудаанд қобили дастгирӣ мебошанд. Ҳамзамон нисбат ба баъзе муқаррароти асосии ба ҳимоя манзургардида таваҷҷуҳ зоҳир намудан муҳим мебошад. Аз ҷумла, баъзе муқаррароти алоҳидаи таҳқиқот ба таври мушаххас изҳори назар намудани муаллифро тақозо менамоянд.

Якум, дар нуқтаи илмии нуҳум бо мақсади мукаммал гардонидани қонунгузории граждани вобаста ба шартномаи таъмини барқ ба ҳимоя пешниҳод гардида, банди а) муаллиф қайд менамояд, ки номи зербоби 5, боби 29 КГ ҶТ бо таҳрири русӣ «Таъмини нерӯ» ба «Таъмин бо нерӯи барқ» иваз карда шавад. Вобаста ба ин аз муаллиф пурсида мешавад, ки чунин хулосаи илмӣ бо назардошти кадом меъёри қонунгузории ҶТ пешниҳод ва асоснок гардидааст (саҳ. 10).

Дуюм, аз муаллиф пурсида мешавад, ки пешниҳоди илмии нуқтаи нуҳум ба ҳимоя манзур гардида, банди б) вобаста ба он, ки дар қ. 3, м. 142 КГ ҶТ баъди ибораҳои «аз ҷумла пул ва коғазҳои қиматнок» энергия (нерӯи барқ) ҳамчун ашёи манқула ва беҷисм илова карда шавад, вобаста ба кадом хусусиятҳои ашё ин пешниҳоди илмӣ асоснок карда мешавад (саҳ. 10).

Таҳлили муқаррароти автореферати мазкур шаҳодат медиҳад, ки таҳқиқоти диссертатсионии номбурда ҳамчун таҳқиқоти мустақили илмӣ-тахассусӣ ба талаботи муқаррар кардаи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор), ки бо Қарори Ҳукумати ҶТаз 26 ноябри соли 2016, № 505 тасдиқ гардидааст ва Дастурамал оид ба тартиби барасмият дарории диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисос, номзади илм ва доктори илм, авторефератҳо ва мақолаҳои илмии чопшуда доир ба мавзӯи диссертатсия, ки бо қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 июни соли 2017, №3/1 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ аст ва муаллифи он Мирзоев

Субҳоналӣ Аҳтамҷонович бошад, сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03. – Ҳуқуқи граждании; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) мебошад.

**Муқарриз:**

**Ректори Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент** Раҷабзода М.Н.

**Суроға:**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон, 735450,**
**ш. Ғарм, н. Рашт, кӯчаи Э.Муҳиддин 63,**
**Тел: (8) 313121103; +992919509193**
**Веб сайт: www.dotr.tj**
**E-mail: rajabov.m.1973@mail.ru**

**«Имзои Раҷабзода М. Н.- ро тасдиқ мекунам»**
**Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт** Зокирзода З. Х.